**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-059-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович ба яке аз мавзӯъҳои муҳими хусусияти назариявӣ ва амалидоштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст.

Ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар м. 49-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон мустаҳкам гардида, масоили татбиқи он ҷавҳари асосии автореферати диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбаковичро ташкил медиҳад. Дар замони муосир ҷазои ҷарима дар ҳолати рушд қарор дошта, атрофи он олимон бо далелу омилҳо нуктаҳои назари хешро исбот кардаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардида, асосҳои методологии он изҳор шуда, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалиявии он тавсиф гардида, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар натиҷаи таҳлили пайдарҳамии мушкилоти татбиқи ҷарима аз қабили ҷарима дар таърихи қонунгузории ҷиноятии замони шӯравии Тоҷикистон, давраи муосир ва амалкунанда, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷаримаро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ, мафҳум ва моҳияти

ҷаримаро ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ баррасӣ намуда, масоили танзими қонунии андозаи ҷарима, тартиб ва меъёрҳои ҳисоби он, ҷарима ҳамчун чораи ҷазои иловагӣ, аз тарафи судҳо татбиқ гаштани ҷарима ҳамчун намуди ҷазо, масоили тартиби иҷрои ҷазоро дар намуди ҷарима ва саркашӣ намудан аз пардохти ҷаримаро ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст.

Дар автореферат ба таври маҷмӯӣ муаллиф масоили ҷаримаро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ошкор намуда, ҷиҳати мукаммал гардонидани м. 49 КҶ ҶТ таклифу пешниҳодҳо манзур намудааст. Аз ҷумла муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо мақсади таъмин намудани принсипҳои инсондусӣ, адолат ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ба м. 72 КҶ ҶТ тағйирот ворид гардида, муқаррар мешуд, ки шахси бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна содир намуда (бо нишон додани ҷиноятҳои дахлдор аз доираи ҷиноятҳои дар қ. 6, м. 49 КҶ ҶТ) агар зарари моддии расонидаашро талофӣ намояд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, ки ҷолиби диққат мебошад.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи авторефератро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода сари камбудиҳои м. 49 КҶ ҶТ руҷӯъ намуда, баҳри такмил додани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ камари ҳиммат бастааст.

Муаллифи автореферат вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур намуда, на танҳо ба андешаҳои олимони варзида, балки зиёда аз 300 маводҳои парвандаҳои ҷиноятии дар судҳои ҶТ баррасигардидаро, инунин таҷрибаи судии баррасии парвандаҳои ҷиноятии нашршуда, ки дар онҳо ба сифати ҷазои асосӣ ва ё иловагӣ ҷарима таъин гардидааст, иттилооти омории Суди Олии ҶТ, инчунин маълумотҳое, ки дар маҷмуаҳои омории расмии ҶТ нашр шудаанд, омӯхта, пешниҳодҳои худро асоснок намудааст. Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии С.Т. Мирзоев илман асоснок буда, бо далелу асосҳои

боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ, омор ва амалияи судиву тафтишотӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими қонунгузории ҷиноятӣ оид ба татбиқи ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ, равона гардидааст.

Ҳамчунин, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Мирзоев С.Т. мусбат мебошад, зеро он нахустин пажуҳиши комплексӣ оид ба ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ мегузорад.

Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Мирзоев С.Т. мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи Мирзоев С.Т. баъзе аз камбудиҳо ҷой доранд, ки хусусияти ҷузъӣ дошта, қиммати автореферати диссертатсияро коста намегардонад.

Чунончи муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки мавқуф гузоштан ё дароз кардани мӯҳлати пардохти ҷарима мутобиқи қ. 3, м. 30 КИҶҶ ҶТ ба муҳлати то шаш моҳ муқаррар шудааст. Бо назардошти он ки қисми зиёди маҳкумшудагон барои ҷарима даромади муайян надоранд, дар ягон ҷо кор намекунанд, имконияти пардохти онро надоранд, бояд мӯҳлат ақаллан то ду сол дароз карда шавад. Аммо сабаби дароз намудани мӯҳлати пардохти ҷарима маҳз ба мӯҳлати ду сол аз ҷониби муаллиф дар матни автореферати диссертатсия оварда нашудааст. Шояд дар матни диссертатсия онҳо мавҷуд бошанд. Аз ин рӯ барои ҳимояи ин

ақида ба муаллиф зарур меояд, ки далелҳои боз ҳам қавиро пешниҳод кунад.

Камбудии зикршуда хусусияти бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоев Садриддин Талбакович сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии ДДМИТ** **Каримов Ҳ.М.**

**«Имзои Каримов Ҳ.М.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Раҷабов Б.С.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға:** шаҳри Душанбе, 734067 кучаи Нахимов 64/14, Тел.231-02-01
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj сомона: www.tgfeu.tj